# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ», пешниҳошуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ. Душанбе, 2019. 25 с.**

Феъл дар байни ҳиссаҳои мустақили нутқи грамматикаи аксари забонҳои дунё, аз ҷумла форсии тоҷикӣ, мақоми махсус дорад ва бо ифодаи маъноҳо, тасриф, соҳиби категорияҳои зиёд будан ва инчунин, мураккабии худ фарқ мекунад. Дар забоншиносии тоҷик ин ҳиссаи нутқ кайҳо боз зери назари муҳаққиқон қарор гирифта пажӯҳишҳои зиёде дида бошад ҳам, аммо масъалаҳо ва паҳлуҳое дигари он боз ҳам омӯзишу таҳқиқ мехоҳанд. Хосатан, агар мавзӯъ таърихи ташаккул ва таҳаввули он бошад. Рисолаи Раҳмонов Бахтиёр, ки ба ин мавзӯи дар ҳақиқат мубрам ва муҳим бахшида шудааст, қобили пазириш ва дастгирист.

Чунонки аз мазмуни автореферат бармеояд, рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима зарурати интихоби ва мубрамияти мавзӯъ асоснок гардида, дараҷаи омӯзишу баррасии он, мақсаду вазифаи муҳаққиқ, навгониҳои илмии рисола ва дигар ҷузъиёти зарурӣ дарҷ гардидаанд.

Боби нахуст **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ»** ном гирифта, дорои ҳафт фасл мебошад. Дар ин боб асосан масъалаҳои зайл мавқеи таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд: мақоми феъл дар забони тоҷикӣ, дараҷаи истеъмоли феълҳои гуногунмаъно дар асари «Таърихи Бухоро», гурӯҳҳои феъл аз ҷиҳати меъёр қарор додани аъзои ҳавосси хамса (панҷ аъзои ҳис), ҳамчун воситаи муассирияту шаҳомат ва ҳусни сухан тавсиф шудани категорияҳои луғавии феъл (муродифот, мутазодҳо, ҳамгун (омоним, таҷнис), мақоми феълҳои модалӣ (тавонистан, хостан, боистан, шоистан) дар асар, доир ба тағйироти шакливу маъноии бавуҷудомада дар феъл: «дар асар тақрибан беш аз 20 феълеро дидан мумкин аст, ки пурра ё қисман маънояшон дигаргун шудааст, мисли феълҳои **бошидан, хестан, хостан** ва ғ» (13).

**«Сохтори феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ»** номгузорӣ шудааст боби дувуми рисола, ки аз се фасл таркиб ёфтааст. Мӯҳтавои боби мазкурро сохтори грамматикии феълҳое, ки дар асари таҳти назар истеъмол гардидаанд, ташкил медиҳад. Раҳмонов Б. мавҷудияти ҳар се навъи сохтории феъл (сода, сохта ва таркибӣ) -ро дар асари мазкур қоил шуда, ҳар фаслеро ба навъе аз феълҳо мебахшад ва мисолҳои зиёдеро низ

оварда таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми рисолаи номзадӣ **«Хусусиятҳои граммагикии феълҳо дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ»** унвон дорад. Ин боб чаҳор фаслро фаро гирифта, дар он хусусиятҳои грамматикии феълҳои асар аз ҷиҳати намуд, тарз, замон, сиға ва унсурҳои баҳсноки феъл, аз қабили масоили марбут ба фаҳмиши истилоҳоти “дуруст” ва “нодуруст” ва ҳамчунин тарзи бавосита ва бевосита дар феъл бо мисолҳои зиёд матраҳ ва баррасӣ гардидаанд.

Аз фишурдаи рисола бо мӯҳтавои аслии кор ошно шудан мумкин аст, зеро ки мазмуну маълумотҳои хулосавии муқаддима, бобҳо ва натиҷаҳои рисола дар автореферат ба таври равшан баён гардидаанд.

Дар автореферат баъзе носаҳеҳиҳо ба мушоҳида мерасанд:

1. Ҳавола ба манбаи иқтибос (рӯйхати адабиёти истифодашуда) мувофиқат намекунад, дар с.9 адабиёти ба Б. А. Илиш мансуб [2, 31] нишон дода шудааст, дар рӯйхат бошад, дар тартиби [3, 31] омадааст;
2. Сохтан ё иқтибос намудани вожа ё истилоҳи нав хуб аст, агар мафҳумро дуруст ифода карда тавонад, аммо муаллиф калимаи «ҳамкард» -ро (шояд дар забоншиносии Эрон мустаъмал бошад) ҳамчун муодили «ёвар» истифода намудааст, ки ба назари мо, ба табиати забони тоҷикӣ мувофиқ нест (с.15).
3. Дар с. 8, сархати охир дар ҷумла таркиби «сухан рафтан» ду бор такрор шудааст, ки ба ҳусни ҷумла халал ворид намудааст.

Дар умум, ин эродҳо мазмуни асосии рисоларо намекоҳонанд ва рисолаи **Раҳмонов Бахтиёр – «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ»** дар асоси маводи зиёди ба мавзӯъ мувофиқ ва бо услуби хуби илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. муайян намудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дотсенти кафедраи
забони адабии муосири
тоҷикии ДМТ, н.и.ф. М. Музофиршоев

Имзои М. Музофиршоевро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ Э. Тавқиев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ